**Тақризи**

**рохбари илмӣ ба кори диссертатсионии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 03.01.05- Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Нозимова Маъмура Саҳобиевна – хатмкардаи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2016) мебошад. Аз соли 2019 то инҷониб мавзӯи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда»-ро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст. Нозимова М.С. дар давоми ин солҳо маводи зарурии кори диссертатсионии худро ҷамъоварӣ кардааст ва асарҳои илмии марбут ба кори таҳқиқотиро ба низом даровардааст. Натиҷаи таҳқиқоти ӯ дар рисола ва мақолаҳои илмии ба табъ расонидааш инъикос ёфтааст. Муаллиф доир ба паҳлуҳои мухталифи мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсия ва симпозиумҳои илмии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ якчанд маротиба маъруза кардааст.

Таҳқиқи таъсири баъзе ҳосилаҳои синтезшудаи глитсеролро ҳамчун афзоиштанзимкунанда ба зироати лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳадафи асосии кори диссертатсионии Нозимова М.С. ташкил медиҳад. Дар ин замина, кор аз муқаддима ва се боб таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши он, объект, предмети таҳқиқот ва ҳадафу вазифаҳо асоснок карда шуда, мақсади кор, масъалаҳои он ва мушкилоти таҳқиқот оварда шудаанд. Инчунин, навоварии кори илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, мавқеъҳои ҳимояшаванда инъикос гардида, конференсияҳои илмие, ки дар онҳо маводи диссертатсия баррасӣ ва ташхис шудааст, номбар гардидаанд.

Дар боби аввал (шарҳи адабиёт) иттилоот ва таҳлили адабиёти мавҷуда оид ба мавзӯи диссертатсия оварда шуда, хосиятҳои химиявӣ ва биологии глитсерол ва ҳосилаҳои он, инчунин маълумот дар бораи лӯбиё

ва бемориҳои он дарҷ ёфтааст. Илова бар ин, соҳаҳои дар амал истифодабарии ҳосилаҳои глитсерол нишон дода шудаанд. Муайян карда шудааст, ки иттилоот оид ба синтез ва омӯзиши ҳосилаҳои глитсерол ва таъсири он ба лӯбиё вуҷуд надорад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ хулоса бароварда шуда, интихоби мавзӯи диссертатсия асоснок карда шудааст.

Боби дуюм қисми эксперменталӣ буда, методи синтези як қатор ҳосилаҳои глитсерол: 3-карбобензоксифенилаланилпропан-1,2-диол (3-Z-Phe-O-пропан-1,2-диол), 3-фталилфенилаланилпропан-1,2-диол (3-Phth-Phe-O-пропан-1,2-диол), 3-третбутилоксикарбонилфенилаланилпропан-1,2-диол, 1,3-дикарбобензоксифенилаланилпропан-2-ол (1,3-ди-Z-Phe-O-пропан-2-ол) ва 1,3-дифталилфенилаланилпропан-2-ол (1,3-ди-Phth-Phe-O-пропан-2-ол) мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳосилаҳои нави онҳо синтез карда шудаанд.

Инчунин, таъсири онҳоро ҳамчун афзоиштанзимкунанда дар зироати лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) санҷида шудааст.

Дар боби сеюм тарзи таҳқиқ ва синтези як қатор ҳосилаҳои глитсерол, ки натиҷаҳои таъсири ин ҳосилаҳо ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда бо усулҳои гуногуни биохимиявӣ ва физиологӣ ва бо ГОСТ-ҳо мувофиқ намуда оварда шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Кори таҳқиқотии Нозимова М.С. бо диди нав ва дар асоси дастовардҳои нави илмӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф зимни таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи эксперименталӣ ба натиҷае расидааст, ки дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия ва курсҳои махсус аз манфиат холӣ набуда, донишҷӯён, аспирантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд. .

Зимни анҷоми кори диссертатсионӣ муаллиф худро ба ҳайси муҳақиқи тозакор, боандеша, боистеъдод ва олими баркамол нишон дода, барои муайян кардани мақсаду вазифа ва фаҳмидани натиҷаҳои ба даст

омада ва муайян кардани усулҳои зарурии таҳқиқот маҳорати баланди илмӣ нишон додааст.

Нозимова Маъмура Саҳобиевна муваффақ шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро бо истифода аз усулҳои муосир босаводона ва дуруст коркард намояд. Дар раванди иҷрои кор муаллиф сарчашма ва осори илмии вобаста ба мавзӯъро, ки дар 10 соли охир нашр шудаанд, дақиқназарона мутолиа карда, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст.

Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи Нозимова М.С. мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои таҳқиқоти кори диссертатсионии ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо ҷавобгӯ мебошанд.

Дар ин замина, диссертатсияи кори илмии Нозимова Маъмура Саҳобиевна ба анҷомрасида ҳисобида шуда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо барои ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ**
доктори илмҳои химия,
и.в. профессор Раҷабзода С.И.

Имзои м.в. профессор С.И. Раҷабзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
06.05.2024